# Созишнома оид ба Қоидаҳои муайян намудани мамлакатҳои тавлидкунандаи молҳо дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

Ҳукуматҳои давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ки минбаъд "Тарафҳо" номида мешаванд,

бо сарпарастии Созишнома дар бораи таъсис додани минтақаҳои савдои озод аз 15 апрели соли 1994 ва Созишнома оид ба Феҳрасти ягонаи моли фаъолияти иқтисоди хориҷии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз 03 ноябри соли 1995,

бо дарназардошти амали муносиб ва самаранок минтақаҳои савдои озод,

бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳаракати озоди мол,

бо ҷаҳди барқарор намудани тартиби ягонаи муайян намудани давлатҳои тавлидкунандаи молҳо

ба мувофиқаи зерин расиданд:

**Моддаи 1**

Бо мақсади татбиқи танзими андозаҳои тарифию ѓайритарифњ Тарафҳо Қоидаҳои муайян намудани мамлакатҳои тавлидкунандаи молҳоро қабул мекунанд, ки қисми ҷудонашавандаи Созишномаи мазкур мебошад.

**Моддаи 2**

Бо розигии Тарафҳо дар Созишномаи мазкур таљйироту иловаҳо ворид кардан мумкин аст, ки қисми ҷудонашавандаи он маҳсуб ёфта ба протоколҳо ба расмият даровaрда мешаванд ва мутобиқи муқаррароти моддаи 4 Созишномаи мазкур эътибор пайдо мекунанд.

**Моддаи 3**

Масъалаҳои баҳсноки Тарафҳо, ки дар ҳолати тафсири Созишномаи мазкур ба миёй меоянд, бо роҳи машварат ва музокироти Тарафҳои манфиатдор ҳал карда мешаванд.

**Моддаи 4**

Созишномаи мазкур пас аз 30 рӯзи аз санаи дастраси маҳфуздоранда гардидани огоҳномаи сеюм дар бораи аз ҷониби Тарафҳои имзокунанда иҷро гардидаи расмиётњ дохилидавлатие, ки барои эътибор пайдо кардани он заруранд, эйтибор пайдо мекунад.

Барои Тарафҳое, ки расмиёти дохилидавлатиро дертар ба имзо мерасонанд, Созишномаи мазкур, пас аз 30 рӯзи аз санаи дастраси маҳфуздоранда гардидани ҳуҷҷати дахлдор эътибор пайдо мекунад.

Созишномаи мазкур бе мӯҳлат баста мешавад. Ҳар як Тараф метавонад бо фиристодани огоҳии хаттњ ба маҳфуздоранда дар бораи баромадан аз Созишномаи мазкур, аз он барояд. Дар ин сурат амали Созишномаи мазкур пас аз шаш моҳи аз санаи қабул кардани чунин огоҳинома аз ҷониби маҳфуздоранда, нисбат ба Тарафи дахлдор қатъ мегардад.

**Моддаи 5**

Созишнома мазкур пас аз эътибор пайдо кардани он, барои ҳамроҳшавии ҳамаи давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил бо роҳи супурдани ҳуҷҷатҳои дахлдор барои ҳамроҳшавњ ба маҳфуздоранда озод аст.

Барои давлатҳои ҳамроҳгардида Созишномаи мазкур пас аз 30 рўзи аз лаҳзаи дастраси маҳфуздоранда гардидани ҳуҷҷатҳо дар бораи ҳамроҳшавњ, мавриди амал қарор дода мешавад.

Дар шаҳри Ялта 20 ноябри соли 2010 дар як нусхаи асл ба забони русњ имзо шудааст. Нусхаи асл дар Кумитаи иҷроияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил нигаҳдорњ шуда, нусхаи тасдиқшудаи он ба ҳар давлати Созишномаи мазкурро баимзорасонида ирсол мегардад.

Аз тарафи Ҳукумати

Ҷумҳурии Озарбойҷон

Аз тарафи Ҳукумати

Федератсияи Россия

Аз тарафи Ҳукумати

Ҷумҳурии Арманистон

Аз тарафи Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аз тарафи Ҳукумати

Ҷумҳурии Беларус

Аз тарафи Ҳукумати

Туркманистон

Аз тарафи Ҳукумати

Ҷумҳурии Қазоқистон

Аз тарафи Ҳукумати

Ҷумҳурии Ўзбекистон

Аз тарафи Ҳукумати

Ҷумҳурии Қирљизистон

Аз тарафи Ҳукумати

Украина

Аз тарафи Ҳукумати

Ҷумҳурии Молдова